**КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Ш. Ҳусейнзода 36, тел: (992 37) 221-88-53, факс: (992 37) 223-02-00,
Сомонаи интернетӣ: www.tajsohtmon.tj, почтаи электронӣ: info@tajsohtmon.tj

# Ф А Р М О И Ш

аз «10» феврали соли 2021 №25/ф ш. Душанбе

Дар бораи ташкил ва гузаронидани озмун ба ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои обпартои самаранок, сарфакор ва иҷтимоии муносиб дар деҳотҷойҳо

Мутобиқи бандҳои 4 ва 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №150 тасдиқ шудааст ва бо мақсади гузаронидани озмун ба ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои обпартои самаранок, сарфакор ва иҷтимоии муносиб дар деҳотҷойҳо, инчунин муайян намудани лоиҳакаши беҳтарин,

Ф А Р М О И Ш  М Е Д И Ҳ А М:

1. Комиссия оид ба гузаронидани озмун ба ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои обпартои самаранок, сарфакор ва иҷтимоии муносиб дар деҳотҷойҳо таъсис дода шавад.

2. Низомнома оид ба гузаронидани озмун ба ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои обпартои самаранок, сарфакор ва иҷтимоии муносиб дар деҳотҷойҳо ва ҳайати комиссия оид ба гузаронидани озмун ба ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои обпартои самаранок, сарфакор ва иҷтимоии муносиб дар деҳотҷойҳо тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

3. Комиссия инъикоси васеи низомномаи мазкурро бо натиҷаи баргузории озмун тавассути воситаҳои ахбори оммаи электронию чопӣ таъмин намояд.

4. Ба Комиссияи озмунӣ иҷозат дода шавад, ки дар рафти фаъолияти худ дар ҳолатҳои зарурӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ҳамчун коршинос ба кори комиссия ҷалб намояд.

Раиси Кумита Маҳмадсаид Зувайдзода

Замимаи 1
Бо фармоиши раиси Кумитаи
меъморӣ ва сохтмони назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз “ 10 ” 02 соли 2021,
№ 25 /ф тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМА
## оид ба гузаронидани озмун ба ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои обпартои самаранок, сарфакор ва иҷтимоии муносиб дар деҳотҷойҳо

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомнома оид ба гузаронидани озмун ба ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои обпартои самаранок, сарфакор ва иҷтимоии муносиб дар деҳотҷойҳо (минбаъд-низомнома) тартиби ташкил ва гузаронидани озмунро байни лоиҳакашон, мутахассисони обрасонӣ ва обпартоҳо муқаррар менамояд.

2. Ташкилкунандагони озмун корхонаи воҳиди давлатии “Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии “Сохтмон ва меъморӣ”-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-ташкилотчӣ) ва барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон (минбаъд-ҳамкор) мебошанд.

### 2. Ҳадаф ва мақсади гузаронидани озмун

3. Ҳадафи асосӣ аз гузаронидани озмун амалӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба рушди деҳот ва ба кишвари сайёҳӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои ҷалби сайёҳони хориҷию дохилӣ ба вуҷуд овардани инфрасохтори муосири ҷавобгӯй ба стандартҳо дар деҳотҷойҳо мебошад.

4. Мақсади озмун дастрас намудани ғояҳои беҳтарин, консепсия ва ё лоиҳаи обпарто дар деҳотҷой, ки онҳо метавонанд ҳамчун мавод оид ба татбиқ ва истифода ҳангоми таҳияи меъёрҳои техникӣ ва стандартҳо барои лоиҳакашӣ, сохтмон, истифодабарӣ ва хизматрасонии системаи ҷузъии беҳдоштӣ (санитария) ва идоракунии обҳои равон дар деҳотҷой хизмат намоянд, мебошад.

### 3. Объект ва маводи озмун

5. Объектҳои озмун инҳо ба ҳисоб meраванд:
- системаҳои обпарто дар деҳотҷой;
- сохтани ҳоҷатхонаҳои чоҳӣ;

- партофти обҳои шоранда ва ғайра аз рӯи салоҳдиди аризадиҳанда (иштирокчӣ).

## 4. Тартиб ва шартҳои иштирок дар озмун

6. Озмун барои ду категорияи иштирокчиён «Лоиҳакаш» ва «Мутахассис» гузаронида мешавад.

7. Категорияи «Лоиҳакаш» - дар ин категория танҳо он ташкилотҳо иштирок менамоянд, ки бо лоиҳакашии касбии ҳуҷҷатҳои кории системаҳои обрасонӣ ва обпарто машғул мебошанд;

8. Категорияи «Мутахассис» - дар ин категория мутахассисон ва ё ҳайати мутахассисони равияи обрасонӣ ва обпарто иштирок менамоянд.

9. Барои иштирок дар озмун дархост оид ба иштирок дар озмун (минбаъд-дархост) аз рӯи шакли муайяншуда мутобиқ ба замимаи низомномаи мазкур бо шарҳи лоиҳа ва навори видеоӣ - презентатсияи муаллифи лоиҳа пешниҳод карда мешавад.

10. Дархост тавассути почтаи электронӣ ба: **nissnip@mail.ru** бо нишони «Озмун барои ғояҳои беҳтарин ва коркардҳо аз рӯи равияи обпартоҳо дар деҳотҷой» фиристода мешавад. Қабули дархостҳо то санаи 10 марти соли 2021 амалӣ карда мешавад.

11. Ташкилотчӣ дархостро бо маводҳои замимашуда қабул менамояд ва дар муҳлати се рӯзи корӣ тафтиши мутобиқати аризадиҳандаро ба талаботи бо низомномаи мазкур пешбинишуда, инчунин мутобиқати дархост ва маводҳои замимашавандаро ба талаботи озмун ба роҳ мемонад.

12. Дархости иштирок дар озмун метавонад то анҷомёбии муҳлати қабули дархостҳо бо роҳи равон намудани мурочиати шахси дахлдор, ки дархост пешниҳод намудааст, бозпас гирифта шавад.

13. Ворид намудани тағйиротҳо ба дархости аз ҷониби аризадиҳанда барои иштирок ба озмун пешниҳодшуда, танҳо бо роҳи пешниҳоди иттилооти иловагӣ аз ҷумла, маводҳо то ба охир расидани муҳлати қабули дархостҳо иҷозат дода мешавад.

14. Озмун бе маблағгузорӣ барои корҳои ташкилӣ ва дар асоси беподош ва ихтиёрӣ гузаронида мешавад.

## 5. Тартиби гузаронидани озмун

15. Баҳодиҳии дархостҳо барои иштирок дар озмун дар ду марҳила гузаронида мешавад.

16. Марҳилаи якум: «Интихоб оид ба мутобиқати дархостҳо» - баҳодиҳӣ ҷиҳати мутобиқат ба равияҳои озмун, кифоягӣ ва пуррагии шарҳи лоиҳа. Ба аризадиҳандагони аз интихоби марҳилаи якум гузашта, ташкилотчӣ оид ба қабули қарор бо роҳи равон намудани мактуби дахлдор ба суроғаи почтаи электронии дар дархост нишондодашуда иттилоъ медиҳад.

17. Интихоб ҷиҳати мутобиқати дархостҳо бо тартиби зерин ба роҳ монда мешавад:

| Р/т | Критерияҳо | Балҳо ва баҳо |
|---|---|---|
| 1. | Мавҷудият ва пуррагии пуркунии дархост, риояи муҳлати супоридани дархост | Мутобиқ / мутобиқ нест |
| 2. | Мутобиқати дархост ба равияҳои озмун | Мутобиқ / мутобиқ нест |
| 3. | Мутобиқати дархост ба талаботи озмун | Мутобиқ / мутобиқ нест |
| 4. | Кифоягии иттилооти дар дархост пешниҳодшуда барои баҳодиҳии лоиҳа | (5) - кифоя;<br>(4) - дар умум кифоя, набудани иттилоот дар қисмҳои лоиҳа ба баҳогузорӣ таъсир намерасонад;<br>(3) - сатҳи қаноатбахш, қисми муҳими иттилоот барои баҳогузорӣ мавҷуд нест;<br>(2) - сатҳи ғайриқаноатбахш, қисми бештари иттилооти муҳим барои баҳогузорӣ мавҷуд нест<br>(1) - иттилоот кушода нашудааст, баҳогузорӣ ғайриимкон мебошад. |

18. Баҳои 4 ва 5 ба талаботи расмӣ ҷавобгӯ ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид, ҳангоми мавҷудияти баҳо аз рӯи критерияи додашуда аз 4 кам, ба аризадиҳандаи озмун яккарата оид ба пешниҳоди маводҳои иловагӣ хабарнома равон карда мешавад. Дархостҳои ба талаботи расмӣ аз рӯи натиҷаҳои интихоб ҷиҳати мутобиқати дархостҳо ҷавобгӯ буда, ба марҳилаи дуюм баҳогузории озмун «Баҳогузории дархостҳо ба мақсад ва матлаби озмун» роҳ дода мешавад.

19. Марҳилаи дуюм: «Баҳогузории дархостҳо ба мақсад ва матлаби озмун» - ин баҳогузории дархост ва маводҳои лоиҳа аз ҷониби ҳакамон ҷиҳати мутобиқат ба равияҳои озмун, кифоягӣ ва пуррагии шарҳи лоиҳа ва технологияҳо барои мақсадҳои гузаронидани баҳогузории матлабӣ мутобиқ ба критерияҳои баҳогузории марҳилаи мазкур мебошад. Аризадиҳандагони марҳилаи дуюм гузаштаро ҳамкор ва ташкилотчӣ оид ба қабули қарор бо роҳи равон намудани мактуби дахлдор аз рӯи суроғаи почтаи электронии дар дархост нишондодашуда хабардор менамоянд.

20. Баҳогузории дархостҳо ба мақсад ва матлаби озмун аз рӯи тартиби зерин ба роҳ монда мешавад:

| Р/т | Критерияҳо | Балҳо ва баҳо |
|---|---|---|
| 1. | Баҳогузории навии таҳия | (5) - сатҳи хеле баланд;<br>(4) - сатҳи баланд;<br>(3) - сатҳи миёна; |

| Р/т | Критерияҳо | Балҳо ва баҳо |
|---|---|---|
| | | (2) - сатҳи паст;<br>(1) - сатҳи хеле паст |
| 2. | Тахассуси тими лоиҳа, мутобиқати тими лоиҳа ба мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташуда | (5) - сатҳи хеле баланд;<br>(4) - сатҳи баланд;<br>(3) - сатҳи миёна;<br>(2) - сатҳи паст;<br>(1) - сатҳи хеле паст. |

21. Бо қарори ҳакамон аз рӯи ҷамъбасти баҳогузории лоиҳаҳо ғолибон муайян карда мешаванд. Ҳакамон ҳуқуқ доранд 3 (се) ғолибро муайян намоянд, инчунин озмунро бе муайян намудани ғолиб анҷом диҳанд.

## 6. Мукофот барои ғолиби озмун

22. Барои лоиҳаҳои ғолиб донисташуда, аз рӯи ҷамъбасти озмун ташкилотчӣ чораҳои ҳавасмандгардониро пешбинӣ менамояд. Пардохти пулии умумии (пардохти ҳавасмандгардонӣ) фонди мукофотонӣ ба андозаи 15000 (понздаҳ ҳазор) сомонӣ муқаррар карда мешавад.

23. Мукофот барои ғолибони озмун ба шакли зерин муайян карда мешавад:

- барои ҷойи якум мукофот ба маблағи 7000 (ҳафт ҳазор) сомонӣ ва дипломи дараҷаи 1;
- барои ҷойи дуюм мукофот ба маблағи 5000 (панҷ ҳазор) сомонӣ ва дипломи дараҷаи 2;
- барои ҷойи сеюм мукофот ба маблағи 3000 (се ҳазор) сомонӣ ва дипломи дараҷаи 3.

24. Барои ҳавасмандгардонии иштирокчиёни дигари озмун ифтихорнома дода мешавад.

25. Мукофотҳои пулӣ барои ташкилотҳои ғолиб аз рӯи категорияи “Лоиҳакаш” ба суратҳисоби бонкии онҳо гузаронида мешавад. Барои ин мақсадҳо ғолибони озмун маълумотро ҷиҳати пардохти маблағҳо (реквизитҳои суратҳисоби бонкӣ, иттилооти дигар, аз ҷумла, нишондодҳои ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсият, ки барои пардохт зарурат дорад) на кам аз 10 рӯзи корӣ аз лаҳзаи эълон намудани натиҷаҳои озмун пешниҳод менамоянд. Мукофотҳои пулии категорияи “Мутахассис”-ро ташкилотчии озмун пардохт менамояд ва ба дасти ғолиб супорида мешавад.

## 7. Муқаррароти хотимавӣ

26. Баҳсҳо вобаста ба гузаронидани озмун оид ба ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои обпартои самаранок, сарфакор ва иҷтимоии муносиб дар деҳотҷойҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби худи комиссия ва мақоми ваколатдори давлатӣ ё бо тартиби судӣ ҳал карда мешаванд.

Замимаи 2
Бо фармоиши раиси Кумитаи
меъморӣ ва сохтмони назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз "10" 02 соли 2021,
№ 25/ф тасдиқ шудааст

# ҲАЙАТИ
комиссия оид ба гузаронидани озмун ба ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои обпартои самаранок, сарфакор ва иҷтимоии муносиб дар деҳотҷойҳо

1. Умарзода У.Х. - муовини якуми раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (раиси комиссия);
2. Саломов М.М. - иҷрокунандаи вазифаи директори корхонаи воҳиди давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (муовини раиси комиссия);
3. Маҳмадиев Э.С. - муовини сардори раёсати шаҳрсозии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, (котиби комиссия).

Аъзои комиссия:

1. Фозилов А.Р. - дотсенти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ;
2. Иргашев Б.Ҷ. - сармуҳандиси ҷамъияти саҳомии кушодаи «Корезлоиҳа»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Алиҷонов Х.С. - сармутахассиси шуъбаи гигиенаи коммуналӣ ва гигиенаи кӯдакону наврасони Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ;
4. Ниёззода А. - иҷрокунандаи вазифаи директори корхонаи воҳиди давлатии «Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Нурализода Ш.Ш. - сардори шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи марказии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
6. Болтаев С. - мушовир оиди хоҷагии коммуналӣ оид ба ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои обпартои

самаранок, сарфакор ва иҷтимоии муносиб дар деҳотҷойҳо;

7. Махмадиев У. - сардори шуъбаи илм ва таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникии корхонаи воҳиди давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Замима
ба низомнома оид ба гузаронидани озмун
ба ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои
обпартои самаранок, сарфакор ва
иҷтимоии муносиб дар деҳотҷойҳо

# ДАРХОСТ

ҷиҳати иштирок дар озмуни ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои самаранок, сарфакор ва иҷтимоии қобили қабули обпартоҳо дар деҳотҷойҳо барои мутахассисон

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Номгӯи лоиҳа | |
| 2. | Номи иштирокчӣ - аризадиҳанда | |
| 3. | Суроғаи иштирокчӣ – аризадиҳанда (суроғаи почтаи электронӣ, телефон, факс ва e-mail) | |
| 4. | Шахси тамосӣ бо нишон додани рақами телефон (корӣ, мобилӣ, факс ва e-mail | |

вазифа имзо ному насаб

«_____»______________ соли 20_____
Сана

мӯҳр
(барои шахсони ҳуқуқӣ)

Замима
ба низомнома оид ба гузаронидани озмун
ба ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои
обпартои самаранок, сарфакор ва
иҷтимоии муносиб дар деҳотҷойҳо

## ШАРҲИ ЛОИҲАИ ОЗМУНӢ

Лоиҳа бояд иттилооти зеринро дар бар гирад:

1. Номи лоиҳа;
2. Мақсад ва вазифаҳои лоиҳа;
3. Муҳтавои лоиҳа;
4. Самаранокии лоиҳа, натиҷаи ниҳоии тахминшаванда.

Замима
ба низомнома оид ба гузаронидани озмун
ба ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои
обпартои самаранок, сарфакор ва
иҷтимоии муносиб дар деҳотҷойҳо

# ДАРХОСТ

ҷиҳати иштирок дар озмуни ғояҳои беҳтарин ва таҳияи объектҳои самаранок, сарфакор ва иҷтимоии қобили қабули обпартоҳо дар деҳотҷойҳо барои лоиҳакаш

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Номгӯи лоиҳа | |
| 2. | Номи ташкилоти лоиҳакашӣ | |
| 3. | Суроғаи ташкилот (суроғаи почтавӣ, телефон, факс ва e-mail) | |
| 4. | Шахси тамосӣ бо нишон додани рақами телефон (корӣ, мобилӣ), факс, e-mail | |

____________________________________________

вазифа имзо ному насаб

«_____»_____________ соли 20_____

Сана

мӯҳр
(барои шахсони ҳуқуқӣ)